**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 11.05.2023, № 34

Барои сазовор донистани Назар Бохруло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илми филология.

Диссертатсияи Назар Бохруло дар мавзуи «Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №23) 17-уми ноябри соли 2022, суратмаҷлиси № 18 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Назар Бохруло 5-уми июни соли 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2013 факултети шарқшиносии Донишгоҳи миллии Точикистонро аз рӯйи ихтисоси шарқшиносӣ хатм карда, аз соли 2016 то ҳол дар шуъбаи илмӣ-методӣ ва таҳқиқотии Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Солҳои 2015-2019 дар шуъбаи ғоибонаи аспирантураи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Точикистон ба таҳсил ва пажуҳиши илмӣ машғул шудааст.

Диссертатсия дар шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Точикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – номзади илми филология, мудири шуъбаи матншиносӣ, таҳқиқ ва нашри мероси хаттии Маркази мероси хаттии назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Точикистон Муҳаммадиев Алӣ.

**Муқарризони расмӣ** – доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Худойдодов Аъзам Овлододович ва номзади илми филология, мудири шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омӯзиши

масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Зиёев Субҳиддин Насриевич ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёт Шамсов Н.С., эксперт – доктори илми филология, дотсенти кафедраи мазкур Давлатбеков Л.М., котиби илмии ҷаласа – номзади илми филология, дотсент Боев Ш.Э. имзо гардида, бо имзою муҳри ректори муассиса, доктори илми филология, профессор Гулназарзода Жило Бурӣ пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Назар Бохруло дар мавзуи «Қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ» ба талаботи бандҳои 31-37 -и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I.Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Назар, Б. Нақши қофия дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ / Б. Назар // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – № 4/3.– С. 245-248.

[2-М]. Назар, Б. Радиф дар ғазалҳои Ҷомӣ / Б. Назар // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2017. – №3 (70). – С. 129-132.

[3-М]. Назар, Б. Қофия ва радиф аз назари Ҷомӣ / Б. Назар // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №3. – С. 253-257.

[4-М]. Назар, Б. Сохт ва муҳтавои «Рисолаи қофия»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ / Б. Назар // Гузориши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон– Душанбе, 2018. – №3 (003) – С. 175-178.

[5-М]. Назар, Б., Муҳаммадиев, А. Танаввуъи қофияи бадеӣ дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ / Б. Назар, А. Муҳаммадиев // Суханшиносӣ. – Душнбе, 2022. – №3. – С. 151-154.

II. **Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[6-М]. Назар, Б. Мавқеи радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ / Б. Назар // Мероси Шарқ (маҷмуаи илмӣ). – Душнбе, 2022. – №1 (2). – С. 188-184.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** доктори илми филология, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ **Ашурова Нодира** мусбат буда, дар он ба автореферати диссертатсия ду эрод гирифта шудааст:

1. Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ ба таври умумӣ баён шудааст, ки он бояд мушаххастар ифода меёфт.

2. Дар матни автореферат баъзе ғалатҳои техникӣ ва имлоӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо сифати корро меафзояд.

**2. Тақризи** номзади илдми филология, дотсент, мудири кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавоии МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» **Мирзода Зулфия** низ мусбат буда, ба автореферат ду эрод гирифта шудааст:

1. Дар диссертатсия тафсилоти баъзе аз фаслу бобҳо тул кашидааст, агар он кутоҳтар ва аҳаммияти мавзуъ зиёдтар нишон дода мешуд, ба мақсад мувофиқ буд.

2. Ғалатҳои имлоӣ услубӣ ва китобат дар баъзе саҳифаҳои автореферат мушоҳида гардиданд, ки ислоҳи онҳо кори ояндаи диссертант хоҳад буд.

**3. Тақризи** доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Солеҳов Мирзо** мусбат буда, дар он эроду пешниҳодҳои зерин манзур шудаанд:

1. Дар автореферати диссертатсия баъзан такрори фикру андешаҳо ба мушоҳида мерасанд, ки хуб мешуд, бо ишорае иктифо карда шавад.

2. Дар фишурдаи диссертатсия баъзе камбудиҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ (саҳифаҳои 11, 4, 27, 29) ба назар мерасанд.

**4. Дар тақризи** доктори илми филология, сарходими илмии шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Баҳодур Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Охониёзов Варқа** дастовардҳои довталаб ва аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ таъкид гардида, ба автореферат се эрод гирифта шудааст:

1. Мубрамии мавзуи таҳқиқ ба таври умумӣ баён гардида, баъзан такрори андеша ба назар мерасад.

2. Масъалаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда бештар ба хулосаи фаслҳову зерфаслҳо шабоҳат доранд.

3. Дар баробари ин, дар автореферат баъзе ғалатҳои китобат ва имлоӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо арзиши кори муҳаққикро боз ҳам боло мебарад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- унвонҷӯ Назар Бохруло бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии роиҷ ба омӯзиши моҳияти назариёти адабии Абдурраҳмони Ҷомӣ пардохта, қофия ва радифро ҳамчун маҷмуи сохтории шаклию мундариҷавӣ ва зебоишинохтӣ дар ғазалиёти Ҷомӣ **арзёбӣ намудааст;**
- таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси мавод ва сарчашмаҳои муътамад, аз ҷумла нашрҳои гуногуни Девони Абдурраҳмони Ҷомӣ, намунаҳои осори адабӣ ва назарии муосирони Ҷомӣ, ёддоштҳо, мактубҳо, қомусҳои соҳавӣ ва адабиёти илмӣ сурат гирифта, ғазалиёти шоир дар пояи назария ва равишҳои таҳқиқии муосир **коркард карда шудааст.**
- заминаҳои ҳунарӣ ва ғаномандии қофия дар ғазалиёти шоир **баррасӣ гардида,** ҳунари мазмунсозӣ ва маъниофаринии Ҷомӣ дар корбурди қофия ва радиф **муайян карда шудааст**;

– суннатгароиҳо, суннатшиканиҳо ва тозакориҳои шоир дар қофия ва радифсозӣ **таҳқиқ гардида**, нақши мусиқоӣ, зебоишинохтӣ, таносуби шаклию мундариҷавӣ ва илқои мафҳум ба василаи оҳанги калимаҳои қофияшаванда дар таҷрибаи қофияандешии Ҷомӣ **исбот шудаанд**;
– тарзи корбурди унсурҳои қофиясоз дар ғазалиёти Ҷомӣ **муайян гардида**, радиф ва махсусиятҳои истифодаи он дар заминаи таҷрибаи ғазалсароии шоир **таҳқиқу баррасӣ ёфтааст.**

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир меёбад, ки ғазалиёти шоир муфассал таҳлил шуда, қонунмандиҳои назарӣ ва амалии истифодаи мақсадноки қофияву радиф дар онҳо муайян ва мушаххас карда шудаанд.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаҳои илмии донишмандони маъруфи ватанию хориҷӣ, аз ҷумла Т. Зеҳнӣ, А. Афсаҳзод, Б. Сирус, Х. Шарифов, А. Сатторзода, А. М. Хуросонӣ, Б.М. Эйхенбаум, В.Б. Шкловский, Ю.Н. Тинянов, Б.В. Томашевский, В.М. Жирмунский, Ю.М. Лотман, В.Е. Холшевников, А. Азер, А. Таботабоӣ, Ш. Кадканӣ ва дигарон истифода шуда, андеша ва дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ истифода шудаанд.

Дар диссертатсия тарзу усул ва шеваву равишҳои таҳқиқи таърихӣ-муқоисавии адабиётшиносӣ, методҳои умумиилмии мушоҳида ва муқоиса, назари объективӣ ба маводи адабӣ, омӯзиши типологии жанрҳо, сохтори жанрии адабиётшиносӣ ва методи таҳлили системавию муназзам истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки маводи манзуршуда, натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои илмии он дар навиштани мақола, таълифи рисолаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, мақолаву монографияҳои илмӣ, таълифи таърихи адабиёти классикии тоҷик, таърихи назариёти адабӣ, таърихи нақди адабӣ, адабиётшиносӣ, таҳия ва таълифи рисолаҳои хатму магистрӣ метавонанд мавриди истифода қарор гиранд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарияи адабиётшиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Тарҳ, баррасӣ ва коркарду таҳлили мавзуи диссертатсионӣ маҳсули фаъолияти чандсолаи муаллиф мебошад. Саҳми фардии муаллиф дар ҷамъоварӣ, таҳқиқ ва нақди маводи илмию адабӣ роҷеъ ба қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ бармало маълум мегардад.

Муаллиф дар баррасии масъалаҳо, пешниҳоди усулҳо, таҳқиқи қофия ва радиф дар ғазалиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ дастовардҳои назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 11 майи соли 2023 дар бораи сазовор донистани Назар Бохруло ба дараҷаи илмии номзади илми филология қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 13 нафар, аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 13 нафар иштирок намуд. Аз 15 нафар аъзои ба ҳайати шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
Доктори илми филология, профессор Мақсудов Бадриддин

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Сироҷиддини Эмомалӣ
11.05.2023